Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумхурии Тоникистон (734003, ш.Душанбе, кучаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗИ**

**рохбари илмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 — ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниход шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маъмурӣ — танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкурро фарогир мебошад. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва қабули муҳимтарин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ-сиёсии давлат — Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули сохтори давлатӣ ва рушди он шурӯъ гардида, боиси тағйиротҳои куллӣ дар хизмати давлатӣ гардид. Дар натиҷаи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи санади олии меъёрии ҳуқуқӣ хидмати давлатӣ ҳамчун ҳуқуқи шаҳрвандон эътироф карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки минбаъд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ падидаи хизмати давлатӣ ташаккул ва такмил дода шуд. Аз ҷумла, бо қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №678 ва минбаъд дар таҳрири нав аз 5 марти соли 2007, №275 ин зерсоҳаи ҳуқуқи маъмурӣ мукаммал гардонида шуд. Минбаъд, дар асоси ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дигар санадҳои зерқонунӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои хизмати давлатӣ ба танзим дароварда шуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки масъалаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуҳои доманадор ва васеъ буда, ҷанбаҳои мухталифи он аз ҷониби олимон ватанию хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ дар самти танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, мақсади асосии таҳқиқоти

диссертатсиониро баррасӣ намудани танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани таҳаввули хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани мушкилот ва норасоиҳои ҷойдошта вобаста ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳлил кардани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ташкил медиҳанд.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ дар рисола **вазифаҳои** зерин гузоштааст:

– таҳлили таҷрибаи таърихии инкишофи соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани ҷойи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани нишонаҳои асосӣ ва тарҳи махсуси он, шаклдиҳии мафҳуми хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии принсипҳои хизмати давлатие, ки ба хизмат дар мақомоти прокуратура мувофиқ аст;

– мушаххас намудани вазъи ҳуқуқии корманди прокуратура;

– ошкор кардани масъалаҳое, ки зимни адои хизмат дар мақомоти прокуратура аз қабилӣ, аттестатсиякунонӣ, додан ва маҳрум кардан аз рутбаҳои дараҷавӣ, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва интизомӣ, инчунин ба дигар намуди ҷавобгари кашидани онҳо ба миён меоянд;

– таҳлили вазъи моддӣ-иҷтимоии хизматии кормандони прокуратура ва ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар замони муосир ва коркарди роҳҳои мукаммал кардани меъёрҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи онҳо;

– дар асоси таҳқиқотҳои амаликарда ҷамъбаст ва хулоса кардан, коркарди пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми танзими ҳуқуқии масъалаҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро танзими ҳуқуқӣ-маъмурии муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

**Мавзуи таҳкикотро** меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ва адои хизмати давлатиро дар мақомоти прокуратура танзим менамоянд, қоидаҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ки ба фаъолияти прокуратура дахл доранд, ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотӣ маҳсуб ёфта, ба

танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмат дар мақомоти прокуратураи Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ бори аввал ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявии ташаккул ва адои хизмат дар мақомоти прокуратура баррасӣ гардида, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда таклифҳои илман асоснок ва аҳамияти муҳимми амалидошта коркард гардида, барои минбаъд такмил додани қонунгузории танзимкунандаи хизмат дар мақомоти прокуратура пешниҳод карда шудаанд.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташударо ифода менамоянд.

**Асоси методологии тадкикоти** диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафавӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки аз усулӣ расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ, ҷамъбаст, таҳлил ва ғайра иборатанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқи диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ низ истифода гардидаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои гуногуни раванди ташкил ва адои хизматро дар умум ва махсусан дар мақомоти прокуратура мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар омода намудани рисолаи мазкур асарҳои олимони ватанӣ, мисли Раззоқов Б.Ҳ., Ғафурзода А.Д., Диноршоҳ А.М., Ойев Х., Сотиволдиев Р.Ш., Ализода З.М., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Исмоилзода С.А., Қаҳҳоров А.А., Сайфиддинов А.А., Хусаинова Ш.М., Кенҷаев С., Мирзоева Қ., Муҳаммадиев И.С., Каримов К.М., Ғафуров М.С., Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б. ва олимони хориҷӣ, мисли Скобина Е.А., Шастина М.А., Жамкин А.С., Басков В.И., Братановский С.Н., Стерлников В.В., Мазурин С.Ф., Прокофев К.Г., Манохин В.М., Старилов Ю.Н., Ноздрачев А.Ф., Атаманчук Г.В., Смирнов А.В., Бахрах Д.Н., Какителашвили М.М., Кириллов А.А. ва дигарон истифода гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳкикот** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашуда, метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси танзими хизмат дар мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажӯҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи таҳқиқот ба даст

овардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисорот, сарсухан, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос меёбанд.

Саҳми шахсии довталаб дарои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафурзода АД.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.

тел: (+992) 907 72 55 90

Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

15.05.2023